# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод гардидааст. – Душанбе, 2021.

Яке аз масъалаҳои хело муҳим дар замони инкишофи босуръати васоити ахбори омма ин жанрҳо ва қолабҳои нав дар публисистикаи муосир мебошад. Бешубҳа, дар замони инкишофи босуръати ҷомеа тағйирпазирӣ дар ҳама ҷодаҳои фаъолияти инсон махсус навъҳои эҷод ба назар мерасанд. Ин гуна тағйиротҳо дар жанрҳои публитсистика низ ба назар мерасанд. Мавзӯе, ки дар рисолаи доктории Бозорзода Нуриддин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ба сафарнома ҳамчун жанри публитсистика бахшида шудааст. Ин мавзӯъ аз ҷиҳати мундариҷа ва муҳтаво дар илми рӯзноманигорӣ нав буда, то ба имрӯз мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ё кам таҳқиқ шудааст. То ин замон, нисбат ба ин жанри публитсистика назари муҳаққиқон ҳам гуногун аст. Диссертант дар рисолаи хеш кӯшидааст, ки оид ба ин жанри куҳанбунёд ва мавқею манзалати он дар байни жанрҳои фаъоли журналистика рисолаи муккамалеро анҷом диҳад. Дар диссертатсия Бозорзода Нуриддин ба донишҳои назариявӣ такя намуда, сафарномаро ҳамчун жанри публитсистика дар заминаи маводи матбуоти даврии тоҷик ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашидааст, ки актуалӣ мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои жанри сафарнома, ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия), омӯхта шаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар бораи мавзӯи мазкур дар таҳқиқоти олимони зиёде ишора ва изҳори назар шудааст, аммо ба таври алоҳида рисолаи Бозорзода Нуриддин Шодипур аввалин пажӯҳиши илмие мебошад, ки паҳлуҳои гуногуни сафарномаро ҳамчун жанри публитсистика баррасӣ мекунад.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии публитсистика, накш ва мавқеи жанрҳои публитсистика дар инъикоси мавзӯъ низ таваҷҷуҳ шудааст.

Аз мундариҷаи фишурда бармеояд, ки рисола аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муайян, мақсаду вазифаҳо ва навгониҳои таҳқиқ муқаррар, методология ва методҳои

таҳқиқот, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот баён ва манбаъҳо ва заминаҳои таҳқиқот тавсиф карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – “Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома” – масъалаҳои назарии таҳқиқи сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар ва навъҳои сафарномаро дар бар мегирад.

Дар фасли якум – “Андешаҳои муҳаққиқон дар бораи жанри сафарнома” – андешаҳои олимону муҳаққиқони тоҷик оид ба “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баъдан жанри сафарнома ва паҳлуҳои гуногуни он баррасӣ гардидааст.

Дар фасли дуюми боби якум – “Хусусиятҳои жанрии сафарнома” – вижагиҳои жанрии сафарнома, тафовути он аз жанрҳои дигари публитсистика нишон дода шудааст. Сафарнома аз жанрҳои дигари публитсистика, пеш аз ҳама, аз нигоҳи доираи фарогирии ҳодисоту воқеот ва тарзи нигориш фарқ мекунад ва дар ҳеҷ сурат ин хусусиятро дигар жанрҳо иваз карда наметавонанд.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия “Мавқеи муаллиф ва хатти ҳаракат дар сафарнома” унвон дошта, дар он масъалаи мавқеи муаллиф дар жанрҳои журналистика, бахусус сафарнома, баҳсу андеша ва назари олимону муҳаққиқони публитсистика, хусусан, В.В. Учёнова, В.Г. Белинский, И. Гончаров, Д.И Писарев, В. Шепелев, Тургенев, А. Савенков ва публитсистон, чун И. Файзуллоев, М. Муллоҷонов, Х. Шарифов, А. Қаҳҳоров, М. Хоҷаев, С. Шмёркин ва дигарон дар мавриди сафар ва аҳамияти он ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муҳаққиқон ба тарафҳои гуногуни он, аз ҷумла ба мавқеъ ва нақши қаҳрамон дар асар, нақши худи сафар дахолат намуда, вобаста ба ин муҳим будани маводи таҳлилиро низ таъкид кардаанд.

Дар умум дар дигар бобҳо ва зербобҳои рисолаи мазкур масъалаҳои дар пеш гузоштаи муаллиф пурра таҳқиқ гардидаанд. Тарзи навишт, муҳтавои рисола ҷавобгӯйи талабот буда, муаллифи он кӯшидааст, ки талаботҳои рисолаи докториро пурра риоя намояд.

Хулосаҳои фишурда илман асоснок буда, маҳаки мундариҷаи рисоларо баён мекунанд.

Дар маҷмӯъ, тадқиқоти Бозорзода Нуриддин Шодипурро метавон дастоварди хуб дар соҳаи журналистика номид. Маводи он барои навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва гузаронидани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи Тоҷикистон истифода шуда метавонад.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар фишурда баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Дар фишурдаи рисолаи илмӣ пажӯҳишҳои на ҳама олимони соҳа ба назар гирифта шудаанд.
2. Дар фишурда пажӯҳишҳои арзишманди муҳаққиқони ватанӣ оид ба публитсистика арзёбӣ нашудаанд.
3. Дар рисола хулосаҳои мантиқӣ дар охири бобҳо ва зербобҳо бояд васеътар нишон дода шаванд.

Сарфи назар аз ин автореферати рисолаи илмии Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия) бо муҳимият, навгониҳои илмӣ, тарзи таҳқиқу баррасӣ, аҳамияти назариву амалӣ ва сохтори илмиаш ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мудири кафедраи матбуоти чопӣ ва робита бо ҷомеъаи
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои филология,
профессор Ш. Муллоев

индекс: 734025
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30.
тел. + (44) 620-42-06
mulloev_sharif@mail.ru

Имзои Шариф Муллоевро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х. Х.

8.02.2021.

Подпись Муллоева Ш.Б. заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.